# Дар дунё қаноатманду парҳезгор бош, то сазовори дӯст доштани Худо бошӣ; аз (тамаъ кардани) ҳар чизе, ки мардум ба даст овардаанд, парҳез кун, то туро мардум дӯст бидоранд

Аз Абулаббос Саҳл ибни Саъди Соъидӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: "(Рӯзе) як мард назди Паёмбари Худо (Саллалоҳу алайҳи ва саллам) омаду гуфт: Эй Паёмбари Худо, маро ба амале роҳнамоӣ кун, ки ҳар гоҳ онро иҷро кунам, сазовори дӯст доштани Аллоҳ ва мардум бошам". Паёмбар фармуд: "Дар дунё қаноатманду парҳезгор бош, то сазовори дӯст доштани Худо бошӣ; аз (тамаъ кардани) ҳар чизе, ки мардум ба даст овардаанд, парҳез кун, то туро мардум дӯст бидоранд".

[قال النووي: حديث حسن] [رواه ابن ماجه وغيره بأسانيد حسنة]

Марде аз Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) пурсид, ки кадом амалро иҷро кунам, то Худо маро дӯст дорад ва мардум низ маро дӯст доранд? Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд: Худо туро дӯст медорад, агар он чиро, ки аз дунё зиёдатӣ ва барои охиратат суд надорад, тарк кунӣ ва аз он чизе, ки ба дини ту зарар мерасонад, дурӣ ҷӯйӣ. Мардум дар ҳоле туро дӯст медоранд, ки агар нисбати он чизе, ки аз дунё дар дасти онҳо аст, берағбат бошӣ. Зеро мардум табиатан дунёро дӯст медоранд ва касе, ки бо онҳо барои дунё рақобат мекунад, онҳоро ғазабнок мекунад, вале касе, ки дунёро барояшон вогузорад, дӯсташ медоранд.